# Ду тарҳи алифбо барои забонҳои помирӣ




Ахиран як гурӯҳи ташаббускор ва донишмандони эроншиноси Русия дар Маскав тарҳи алифбои ягонаи ҳамаи забонҳои помириро баррасӣ кардаанд.

**Нурмуҳаммади Холзода**

03.06.2013

Дар Пажӯҳишгоҳи улуми иҷтимоии Хоруғ низ коршиносон ин масъаларо баррасӣ ва тарҳҳоеро омода кардаанд. Ба гуфтаи гурӯҳи ташаббускор, онҳо ду нусхаи чунин алифборо пешбинӣ кардаанд. Яке бар асоси хатти лотинӣ ва дигарӣ бар асоси хатти кириллӣ, ки имрӯз хатти роиҷи забони тоҷикии Тоҷикистон аст.

Ширкаткунандагони ҳамоиши Маскав мегӯянд, солҳои ахир забонҳои помирӣ дар Интернет ба таври густарда истифода мешавад ва ҳатто китобҳо низ ба ин забонҳо ба нашр расидаанд. Сафҳаҳои интернетӣ ба ин забон ва чопи нашрия ба теъдоди 1000 нусха дар Маскав низ ба нақша гирифта шудааст. Вале то ҳол ҳар корбари шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ба хости худ менависад ва вижагиҳои овозии забонро дар назар намегирад.

Суоле пеш меояд, ки оё чунин алифбо метавонад дар оянда ба ҷуз аз ислоҳи тарзи навишти калимаҳо пойгоҳе барои пешбурди дарсҳо ба забонҳои помирӣ низ шавад?

**Боғшоҳи Лакарбек** - корманди аршади илмии шӯъбаи забонҳои эронии Пажӯҳишгоҳи забоншиносии Фарҳангистони Улуми Русия ва яке аз ташаббускорони тарҳи алифбои забонҳои Бадахшон чунин назар дорад: *“Мо ин ҳадафро дар пеши худ нагузоштаем, чун ин кори ҳукумат аст. Мо фақат чун забоншинос дидем, ки забон нодуруст навишта мешавад ва ин иштибоҳҳо хеле зиёд шудааст. Барои ҳамин ба қароре омадем, ки корбарон як алифбои умумӣ дошта бошанд, то ҳадди ақал тарзи навишти калимаҳо дуруст ва яксон бошад.”*



Б.Лашкарбек

Гурӯҳҳои ташаббускор ҳам дар Хоруғ ва ҳам дар Маскав ин омилро дар назар гирифтаанд, ки помиризабонон  на танҳо дар Бадахшони Тоҷикистон, балки дар хориҷ аз он низ сукунат доранд ва алифбое бояд муаррифӣ шавад, ки дигарон ҳам ба он дастрасӣ дошта бошанд. Боғшоҳи Лашкарбек мегӯяд: *“Агар мо танҳо алифбои тоҷикиро бигирем, дар он сурат помириҳое, ки дар Афғонистон, дар Чин ва дар Покистон зиндагӣ мекунанд, аз матнҳои мо истифода бурда наметавонанд. Бино бар ин, ҳоло ҳам дар асоси хатти кирилии забони тоҷикӣ ва ҳам дар асоси хатти лотинӣ лоиҳа пешниҳод шудааст.”*

Интизор меравад, ки алифбои ягона барои забонҳои помирӣ дар давоми як ҳафтаи оянда аз тариқи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ, ба хусус дар Facebook муаррифӣ шавад, то гӯяндагони забонҳои помирӣ андешаҳо ва пешниҳодҳои худро аз ин роҳ ба гурӯҳи ташаббускор бифиристанд. Гурӯҳи дигари ташаббускор ҳамзамон дар Хоруғ низ корҳое дар ин замина анҷом медиҳад.

**Шодихон Юсуфбеков** – доктори илм ва раиси Пажӯҳишгоҳи улуми иҷтимоии Хоруғ мегӯяд: *“Мо мехоҳем, ки ду навъи алифборо пешкаш бикунем ва касоне, ки аз ин алифбоҳо истифода мекунанд, фикру мулоҳизоти худро бигӯянд, ки кадоме аз алифбоҳо саҳлтар аст ва аз он бештар истифода мекунанд.”*

Аммо дар сурати ҷорӣ шудани алифбои ягона барои помириёни Тоҷикистону Чин ва Афғонистону Покистон помириёни Бадахшон кам-кам аз забони тоҷикӣ фосила намегиранд ва дурӣ ба вуҷуд намеояд?

**Владимир Иванов** - мудири шӯъбаи эроншиносии Пажӯҳишгоҳи Осиё ва Африқои Донишгоҳи Давлатии Маскав бо назардошти таҷрибаи баъзе миллиятҳои хурд дар кишварҳои дигар имкони чунин дуриро рад мекунад: *“На, ҳеҷ вақт ин тавр набудааст. Масалан, мо таҷрибаи кишварҳои дигарро метавонем дар назар бигирем. Агар ақалияти*

*хосе алифбои хосе дошта бошад, ҳеҷ зараре дар равобити дӯстона бо миллати аслӣ, яъне бо тоҷикон ба вуҷуд нахоҳад омад.”*

Оқои Иванов бар ин ақида аст, ки дар гузашта миёни помириён ҷудосозии маснуъӣ ба вуҷуд омадааст ва ҳоло эҷоди алифбои ягона барои ҳифзи забонҳои помирӣ кумак мекунад, забони онҳо аз ҳисоби вожаҳои помирӣ дар Чину Афғонистон ва Покистон ғанӣ мешавад, вале ҳеҷ гоҳ мардуми Бадахшонро аз тоҷикон дур нахоҳад сохт.

**Давлати Худоназар,** яке аз шахсиятҳои фарҳангии тоҷики муқими Маскав аз ин



ташаббуси забоншиносон бехабар аст, вале мегӯяд, муаррифии алифбои помирӣ бадахшониёнро аз тоҷикон дур нахоҳад кард, ҳатто аз лиҳози мазҳабӣ помиризабонон бо забони тоҷикӣ пайванди ногусастанӣ доранд: *“Агар мардуми он диёр, мардуми Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ аз забони тоҷикӣ дур монанд, онҳо аз дину мазҳабашон канда мешаванд, чунки дар равияи исмоилӣ ҳамааш ба забони тоҷикист. Мумкин аст ягон дуо ба забони арабӣ бошад, вале дигар ҳамааш ба забони тоҷикист.”*

Ҳоло дар саросари ҷаҳон аз тақрибан 6000 забони мавҷуда 85 дарсадашро забонҳои хурд ё кӯчак ташкил медиҳанд. Ба ин забонҳо аз 6 то 8 миллион нафар гуфтугӯ мекунанд. Ҳатто соҳибони баъзе аз ин забонҳоро мешавад бо ангуштон шумурд ва чунин забонҳо дар ҳоли завол қарор доранд.

Бо назардошти хатарҳое, ки дар гузаштаҳо бар сари забонҳои суғдиву бохтарӣ, яъне хонаводаи забонҳои эронӣ омадааст, Давлати Худоназар пешниҳод мекунад, ки дар ҳифз ва рушди забонҳои помирӣ ва яғнобӣ на танҳо соҳибони ин забонҳо, балки забоншиносони дигари тоҷик низ бояд кумак кунанд.

# Сафҳаи Назарҳо

Ном: **nositel yazyka** аз: **duuuur**
03.06.2013 22:27
Посух
Fikr mekunam ki alifboi zabonhoi Pomirro ziyoda az on ki zarur ast murakkab kardaand. Dar in zabonho faqat baze harfho (ki na ziyodtar az 10 toand) az harfhoi kirilli va lotini farq dorand va tanho zarur ast ki hamin harfhoro ba nizom darorand. Hozir har kas ba xosti dilash in harfhoro

navishta istodaast va agar harfhoi standarti qabul shavand digar mushkilii ziyode dar alifbo nest. Masalan: th ba t dar kalimae ba monandi 'moth' (aso), gh va g dar 'magh' (gusfand), dz va z dar 'zaridz' (kabk) ba ghaira.

Дар посух
Ном: **Мукобили ин икдом** аз: **Точикистон**
03.06.2013 23:08
Посух
Агар ин тавр бошад пас барои мардуми вилояти Сугд низ бояд алифбои хосе бисозем, чунки тарзи талафузи калимахои онхо аз мардуми чануб фарк мекунад. Мардуми Хатлон хам бояд бе бахра набошанд ва алифбои худро дошта бошанд. Чунки онхо масалан у-и дароз надоранд. Хамин тавр Точикистони кучакро пора пора сохта таксим мекунем. Бовар кунед ба хамаи мо мерасад. Хеч кас бе насиб намемонад, Эх Худо, кай ин миллат ВАТАН ро ки Точикистони азиз аст , аз МАХАЛ бештар дуст медорад?

Дар посух
Ном: **Саид** аз: **Душанбе**
04.06.2013 07:47
Агар бо назари ин бародари гироми рафтор кунем пас алифбои забони сугди ва алифбои забони хайтоли (эфталитхо) аз нав баркарор шавад? Инаш боз тамоман ачоибот.

Дар посух
Ном: **Malik** аз: **Dushanbe**
04.06.2013 08:00
Бародари ахли Ислом бистер ачоиб гуфтед, як чахон миннатдори ба шумо. Ман дар асл эхсос мекунам ки ин буродархои помири (дар давраи шурави помири пайдо шуд то аз бадахшони авгонистон фарк кунанд) рафтору гуфторхои сепаративи карда истодаанд.

---

Ном: **UWR** аз: **Godland**
03.06.2013 23:06
Посух
Ин пайомади хубе надорад барои чомеаи Точикистон, он балки огози раванди хатарноке барои давлату давлатдории Точикистон мебошад.
Дар посух
Ном: **Баховиддин** аз: **Душанбе**
04.06.2013 13:37
Посух
ДУРУСТ КАЙД КАРДИ БАРОДАР ЛЕКИН ИН КОРИ РУССИЯ АСТ РУССИЯ БА БДАХШОН ЧАШМ АНДОХТААСТ ДАЛЕЛИ ИН ГУФТАХО ХОДИСАХОИ СОЛХОИ ГУЗАШТА КИ ДАР ПОРШИНЁВ БА ВУКУ ПАЙВАСТ ИН ХАМА ТАКИЛ КАРДАГИ БУД АЗ ЧОНИБИ РУССИЯ

---

Ном: **София** аз: **Истравшан**
03.06.2013 23:38
Посух

Магар миёни мо носипосон нестанд???

---

Ном: **Исмоил** аз: **москва**
04.06.2013 00:03
Посух
Ба гайр аз чудоиандози дар байни точикон аз ташкилу баровардани кадом харфхои забонхои помири дигар хеч фоидае нест.

---

Ном: **душанбе палаев** аз: **помир**
04.06.2013 00:59
Посух
Ман фикр мекунам ки алифбои алохида баровардан барои забонхои помири хатои махз аст. ва хукумат бояд пеши рохи ин аъмали номатлубро бигирад, мардуми помир дар мудати 90 сол хамин алифбои точикиро истифода бурд ягон бади надошт ку !!!?? баъдан ба вучуд омадани алифбо барои бадахшихо, мардуми бадахшонро бозхам аз точикон дур мекунад ва ин дар оянда метавонад фикрхои сепаратисти ё чудоихохиро ба вучуд биорад. ва таъачубавар ин аст ки ин аъмал на дар бадахшон на дар душанбе балки дар маскав анчом дода шудааст, аз кай боз маскав гамхори мардуми точик шудааст !!!??? дар худи русия зиёда аз сад милатхои гуногун зиндаги мекунанд ки аксари онхо алифбои худро надоранд агар маскав гамхори акалиятхо мебуд бехтар буд ки ба мардуми бумии русия ки аз алифбои худ махруманд бо алифбо таъмин мекард.

---

Ном: **Tojik** аз: **dar digar kishvar**
04.06.2013 01:46
Посух
ba fikri man in judoiandozi dar bayni millati kishvari tojik ast

---

Ном: **Саъид** аз: **Душанбе**
04.06.2013 08:19
Посух
Хеле кори окилонаеро пеш гирифтаанд. Барои онхое, ки мегуянд хамин алифбои кириллие, ки алъон дар истифода карор дорад, барои забони шугнй низ метавонад дар хаин шакл хидмат кунад: Ин алифбо на танхо барои забони шугнй дар кор нест, ин алифбо ба забони точикй низ мутобикате надорад. Хама коре, ки дар ин замина, яъне дар мувофик кардани хатту забон то ин замон сурат гирифта хамагй ба таври маснуъй хаст ва зур-зуракй буданд. Аз ин хотир гузинаи кириллиро бояд аз руйхат комилан хазф кард ва ба чои он гузинаи форсиро ворид намуд ва аз форсиву кириллй дабирае барои ин забони бостонй сохт. Сохибдабира шудани мардуми померизабон хатаре барои чомеаи кишвар надорад. Гузашта аз ин померихо низ барои сохибхат кардани забонашон хак доранд.

---

Ном: **салох** аз: **муминобод**
04.06.2013 09:34
Посух
Салом бародарон, забони точики яктост ва ин сарзамин, ки дар хокаш мо шимоливу шаркиву гарибиву чанубихо зиндаги дорем ва забони давлатиамонро точики гуфта эътироф кардаем. Фаромуш накунед, ки давлатамон АГРАРИ мебошад ва хамаи мову

шуморо мебояд фикри рушди онро кард. Шумо бошед чанобон факат як фикр дар калла хаст--чи хел кунем, ки хамин Точикистон пора-пора кунем. О як бор фикри хамин махмаддоноихои 20 пешро намекунед, ки ба чи оварда расонд. Бовар кунед хамон бародару хохарои Бадахшонира агар шароити коришона каме фарохамтар кунем хуб намешавад магар???? Ва ин бех аст хазор бор аз хамон сафсатахои олимони бурунмарзи. О агар огои Лашкарбек ин кадар доно бошанд биёянд дар кишвар лоихахо тархрезкунанду барои Точикистон сармоягузоронро чалб кунанд. тамомои дунё дар асри 21 дар фикр чалби сармоя хасту ин чанобон забонхои мурдаро хезонда боз як дарди сари дигар ба сари хамин мардум меоранд. Бовар дорам агар хамун мардума шароиташа нагз куни бех аз хамон забонхои мурдае, ки ягон фоида намеоранд, мебошад.

---

Ном: **Камол** аз: **Душанбе**
04.06.2013 10:06
Посух
Бисер ташаббуси хубест. Хар як халк е гурух хукук дорад бо забони худ харф занад, нависад ва онро омузад. Муваффак бошед.

---

Ном: **беном**
04.06.2013 10:08
Посух
Ин ба гайр аз тафрикаандози чизи дигаре нест.Помирихо майдамиллат нестанд, балки онхо точикхои кадима буда, дар Бадахшон зиндаги доранд.Точикхои аслии тоза хаминхоянд.Баръакс онхо бояд хамчун точик ба точики сухан кунанд ва аз ин миллат ифхор кунанд.Натичаи чиддии ин чудоиандозихоро баъди гузашти солхо мебинем,ки дигар ислохнопазир мегардад.Ин бисъёр як масъалаи чидди аст ва бояд рушанфикрони мо дар канор набошанд.

Ном: **Беном** аз: **ХОФИЗ**
04.06.2013 10:16
МАН КОМИЛАН ЗИДДИ РОХАНДОЗИИ АЛИФБОИ ПОМИРИ ХАСТАМ АСОС; ЯКУМ; ДАР БАДАХШОНИ МИСЛИ АЛИФБОИ ПОМИРИ АГАР КОФТАН ГИРИ АЛИФБОИ ВАНЧИ, ДАРВОЗИ ИШКОШИМИ НИЗ ПАЙДО МЕШАВАНД КИ АЗ АЛИФБОИ ПОМИРИ КАДИМТАРУ СЕРМАЪНОТАРАНД ДУЮМ; МО БОЯД МАРДУМРО ДАР ИХОТАИ ЯК ЗАБОН ЗАБОНИ МОДАРИИ ТОЧИКИ ТАЪЛИМ ДИХЕМ ЯЪНЕ АЛИФБОИ ПОМИРИ АЛИФБОИ МАХАЛ АСТ СЕЮМ;И ВАЗОРАТИ МАОРИФ БОЯД ЯК БОР КУЛЛИ МАКТАБХОИ МИЁНА ВА БОГЧАХОИ ВИЛОЯТ ГАЙР АЗ ВАНУЧ ДАРВОЗРО МАВРИДИ НАЗАРСАНЧИИ ДОНИСТАНИ ЗАБОНИ ТОЧИКИ РОХАНДОЗИ НАМОЯД ЧОРУМ: ИСТИФОДАИ ЗАБОНИ ПОМИРИ ДАР МАЧЛИСХОИ УМУМИ ЯЪНЕ МАКТАБУ ИДОРА ВА ДИГАР САМТХО РОХАНДОЗИ КАРДА НАШАВАД.

Дар посух
Ном: **Баховиддин** аз: **Душанбе**
04.06.2013 15:05

БАЛЕ БАРОДАР БАЛЕ КОНУНИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН "ДАР БОРАИ ЗАБОНИ ТОЧИКИ" БА КУЛЛИ МАРДУИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН ДАХЛ ДОРАД ВА МО ХАМА ДАР МАЧМУ ЯК ХАЛКУ ЯК МИЛЛАТЕМ ВА ЯК ЗАБОН ДОРЕМ ТОЧИКИ.

Дар посух
Ном: **Сангин** аз: **Точикистон**
04.06.2013 15:57
Офарин ба касоне, ки ин икдоми некро фикр ва инкишоф дода истодаанд! Офарин ба касоне, ки ин андешаи некро дастгири карда истодаанд!

Дар посух
Ном: **сайда** аз: **майда**
09.06.2013 01:39
Посухи хуб Хофиз, забони ягноби, лахчаи ёвонихо,сугдию фаргонаву шурободу дараи мухтору дигару дигар, барои хамаи инхо, аз кучо рахмат ба ту алифбо, меёбед.

---

Ном: **Чайхуни** аз: **Хутан**
04.06.2013 10:49
Икдоми хубест, саривакти! Ё шояд аллакай дер шуда....??
Ин икдом барои нигохдошти осори фархангии бумии Точикон, яъне эрониёни шарки сахми боризе аст. Зеро забонхои помири осоре аз фарханги бохтари ва дуртар аз он ориёихо доранд, баъзе унсурхои фарханги кушониёнро низ дар худ махфуз нигох медоранд! Ин забонхо ба забони авастои бештар аз хама наздики доранд...Ба воситаи онхо мо метавонем, ки таърихи забони форси ва осори пешазисломиро бехтар омухта бифахмем!
Дар ин чо ягон хатаре барои ягонагии милли вучуд надорад! Бисёр тарсу набояд буд. Ин бойгарии фархангии точикон аст ва аз он хамчун бойгони истифода ва ифтихор бояд кард. Забони форсии канд макоми фарханги ва фаромарзиву фаромиллии худро хазорсолахо нигох дошта буд ва боки мемонад.

Дар посух
Ном: **исмоил** аз: **бунни**
04.06.2013 16:44
Алифбои шугнони барои мо зарур нест.Инхел бошад барои рушони вахони рини язгуломи горони алифбои дигар даркор чунки онхо шугнони нестанд.Ин як бехудакори аст мардуми Бадахшон тамоми урфу одатхои худро ба забони форси-точики мегузаронанд.Ин алифбои шугнони боз як чудоиандози дар худи Бадахшон мешавад.Бинобар ин бародарони шугни бас кунед ин тафрикаадозиро.Агар ман шугни нестам баро чи алифбои шугнониро хонам.Агар шугнихо алифбои худро хоханд корашон лекин мо бадахшони факат форсиро мехохем.Пир Шох Носири Хусрав мерос худро ба мо ба забони форси монд .шугниро зарур надонист.

Дар посух
Ном: **исмоил** аз: **бунни**
04.06.2013 16:45

Алифбои шугнони барои мо зарур нест.Инхел бошад барои рушони вахони рини язгуломи горони алифбои дигар даркор чунки онхо шугнони нестанд.Ин як бехудакори аст мардуми Бадахшон тамоми урфу одатхои худро ба забони форси-точики мегузаронанд.Ин алифбои шугнони боз як чудоиандози дар худи Бадахшон мешавад.Бинобар ин бародарони шугни бас кунед ин тафрикаадозиро.Агар ман шугни нестам баро чи алифбои шугнониро хонам.Агар шугнихо алифбои худро хоханд корашон лекин мо бадахшони факат форсиро мехохем.Пир Шох Носири Хусрав мерос худро ба мо ба забони форси монд .шугниро зарур надонист.

---

Ном: **бегим** аз: **помир**
04.06.2013 16:43
бо пайдо шудани алифбои помири ман хеле сарафрозам. Дар давраи шурави ян пажухигохи помиршиноси вучуд дошт, ки дар тахкикотхои худ оид ба забони помири кор мекард. Чамъи мухолифони забони помири як ба сомонаи интернети назар андозед, кадом помири бо дигар лахча зап зада истодааст. Хохед нахохед мо бо забони модариамон рушони, шугнони, язгуломи, вахони ва ишкошими гап мезанем. барои забонамонро буридан чонамонро гиред. Зинда бошед.

---

Ном: **Сулаймон** аз: **Москва**
04.06.2013 16:47
Ман бисер хайронам, ки инчо баъзе бародарон фикрхою андешахои бароям номаълумро иброз карданд, ки бисерихояшон берун аз мантиканд. Бародарон! Ба рох мондани алифбои помири - бароямон модари, ин вазифаи хукумат аст, ва конун дар бораи ин алакай кор карда истодааст. Ман фикри мекунам, ки он фикрихои бечой оид ба манъ кардани чунин алифбо, фикрихои маъсулин КГБ астанду халос. Ман хамчун як фарди бадахшони ягон касро пурсидани нестам, ки бо забони худ хонам е нахонам. Ва дар инчо ягон сепаратизм нест ва намешавад.

---

Ном: **Oqil** аз: **Badaxshon**
04.06.2013 20:21
tashakur ba shumo ki Alifboi moro bedor karded, chunki bedorshavii Alifbo in bedorshavii xatt, bedorashavii zabon, bedorshavii madaniyat, farhang...Zaboni Pomeri in zaboni modarii mo ast..Kase ki modari xudro dust va ehtirom dorad zaboni uro (Pomer) niz giromi medorad. Zaboni tojikiro - zaboni modari guftan xato ast. Zaboni modarii mo Pomeri ast va dar oyanda mexohem bo in zabon kitobho ba nashr rasand.

Дар посух
Ном: **исмоил** аз: **буни**
05.06.2013 00:11
Дар помир якчанд забон аст ва шугни барои онхо забони модари нест.Ман ягон туи шугниро надидам ки вай ба забони шугни гузарад чунки инзабон аз карнхо-карн на алифбо дошту на чой дар забон.Тамоми бало аз дасти шумо мехезад ва забони шухниро ягон кас эхтироф намекунад.Бо пайдо шудани алифбоишугни дигархо алифбои худро талаб мекунанд ч

---

Ном: **realist**

04.06.2013 21:32
Pomirihoi Afghoniston, Xitoi va Pokiston alifbo doshta boshand? Agar boshad ham har seyashon shoyad as harfhoi forsi istifoda barand.
Man yagon matni hurufi forsiro as 1-2 varaq ziyod xonda nametavonam, sar dar mekunad, alergiya doram ba in huruf :(Alifbo yagon zarar nadorad. Kasone ki navishtaand ki in ba judoiandozi meorad - munosibati xudro ba mardumi mintaqa xubtar kuned va separatism naxohad shud. Hamin ast sababi separatism, na zabonu urfu odat.

Дар посух
Ном: **Pamirian** аз: **Точикистон**
08.06.2013 10:10
Хат ва лафзи диниву фархангии Померихои Покистон, Хитой ва Афгонистон форси аст. Дар мардуми ахли сунна забони дини арабист вале аз мо Исмоилиён забони аслии мазхаб хам форси аст ва ин бештар ба хотири мутолиаи эчодиёти Пир Носири Хусрав, Аттор, Сино, Руми ва дигархо мебошад. Дуо ва маъракахои диниро мо ба форси мегузаронем. Вале имруз гап сари он аст, ки форси худуд ва мартабаи худро бо суръат аз даст дода истодааст. Забоне ки 300 сол пеш забони фарханг аз Дехли то Туркия хисоб мешуд имруз дар холати нести аст. Забонхои Помериро дигар мо рушт дода наметавонем ва шояд барвакттар форсиро хам аз даст медихем.

---

Ном: **Точик** аз: **Точикистон**
06.06.2013 22:23
Икдоми хуб. Бе ин хам дар интернету дар номанависии шахси мардуми Бадахшон аз забонхои худ истифода мебаранд. Ба баъзе "миллатпарастон" гуфтаниам ки як бор мафхуми миллатро дар китобхои илми омузанд ки миллат чи хаст. Баъд чи будани миллатро мефахманд. Австрия ва Германия як забон доранд вале миллати гуногун. Дар Америкаи Лотини хама испани харф мезананд лекин миллатхои мухталифанд. Дар Швейцария бошад баръакс забонхо мухталиф аст аммо миллат як. Чунин мисолхо зиёд овардан мумкин.

---

Ном: **Беном**
07.06.2013 20:06
Салом бародарон якум забони мурда нест забонхои Помири ин забони бузургон хаст, ки то имруз мо фахри мекунем, ки мо точикем. Пеш яз як чи навиштан аввал фикри кардан даркор имруз мо бо забони шеваи точикии тоза аз ягон вазорат ё матбуот бархурдор нестем чунки олимони бузурги мо хамашон ресорларо номзадиашон бо пул хард карданд. Як мисол Шумо ба мебиёрам сафари хизмати ба Бадахшон доштем ва хамрахамон яке аз номзадони илими фолология точик буд. вакте ки ба Поршинёв рафтем барои нуши чон кардани оби Чашмаи марди бузрги миллати точик ПИРИ САРЗАМИН БАДАХШОН Хаким Носири Хусрав дар назди ин чои мукадаст сангхо астанд, ки дар онхо бо харфи форси навиштаги аст аз мухтарам номзад хохиш шуд онро хонда ба мон фамонад,,,,,,,,,,,, лекин вой вой шунидему халос ки ин бо кадом услу навишта шудааст ин бародари бузурги мо нафамд ва то холо ман намедонам дар хамон сангхо ин ПИРИ ХИРАДМАН чи гуфта аст.

---

Ном: **Мирали Гуломализода** аз: **Уфа, Бошкортистон**

08.06.2013 05:56
Ассалом. Забонхои Помири ба алифбо дар хакикат эхтиёч доранд. Аммо фикри ман ин аст, ки бояд фахмишу дониши бародарони бурунмарзи низ ба назар гирифта шавад, то ки мубодилаи афкор вучуд дошта бошад. Боки дар панохи Худованд бошед!!!!!

http://www.ozodi.org/content/article/25005859.html